Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати мушкилоти калидии рушди минтақавӣ инҳоро ҷудо кардааст «Барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ шудааст. Дар робита бо ин, дар ҷойҳо дар минтақаҳои кишвар масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Яке аз ҳамин масъалаҳо механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаҳо мебошад. Зеро дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар раванди муҳоҷирати аҳолӣ, омили ҷиддии ташаккули бозори меҳнат, таъмини муҳоҷирон бо ҷойҳои корӣ, бахусус дар бахши иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо мегардад.

Аз гуфтаҳои дисертант Кабиров Ш.Р. собит мегардад, ки муҳимтар аз ҳама дар самти равандҳои муҳоҷират дар самти кишоварзӣ таъсири худро мерасонад, зеро аз ҳисоби маблағи ба даст овардаи муҳоҷирон метавон соҳаи кишоварзиро рушд дод, аз ҷумла он соҳаҳое, ки дар назди хоҷагиҳои хонаводагӣ қарор доранд. Соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба як фоизи муайян рушд карда истодааст, аз ҳамин ҳисоб метавон ҳамасола аз ҳисоби рушди соҳа шумораи муҳоҷиронро ба хориҷи кишвар кам намуд, ки худи вилояти Хатлон минтақаи кишоварзӣ

мебошад. Барои зиёд кардани ҷойҳои корӣ имкониятҳо мавҷуданд, ки аз ҳамин ҳисоб метавон таъминотии корхонаҳои саноатии хоҷагии қишлоқро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин намуд.

Ин масъала аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дошта, дар назди илми иқтисодиёт ва рушди он вазифаҳои нав мегузорад, ки ҳалли онҳо асоснокии илмии тадбирҳои такмил додани иқтисодиёти вилояти Хатлонро зиёд мекунад. Маҳз масъалаҳои номбурда муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқотро ба миён гузоштааст.

Дар иртибот ба ин гуфтаҳо, ба андешаи диссертант соҳаи аграрӣ дар иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат мавқеи хоса дошта, рушди он бо нишондиҳандаҳои сершумор, аз ҷумла бозори меҳнати соҳа арзёбӣ мегардад, зеро сатҳи ҳаёт ва некуаҳволии объектҳои хоҷагидор аксаран аз рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста аст (саҳ. 9). Диссертант қайд намудааст, ки ҳар як соҳаи илм методологияи худро истифода мебарад, ки ба дарки ҳақиқат дар доираи объект ва мавзуи таҳқиқот нигаронида шудааст. Вобаста ба ҳамин диссертант методологияи таъсири равандҳои муҳоҷиратро ба соҳаи кишоварзии минтақа пешниҳод намудааст (саҳ. 10, расми 1).

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми истифодабарии маблағҳои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ ва имкониятҳои паст намудани хатарҳои соҳаи кишоварзиро ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст, зеро дар кишоварзӣ омилҳои таъсиррасон бисёр мебошад.

Бо вуҷуди он, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд.

1. Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.
2. Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф боби сеюм нисбатан маҳдуд шарҳ дода шудааст.

Ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши таҳқиқоти илмии кори илмиро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз ба хулоса омадан мумкин аст, ки кори илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Кабиров Ш.Р. дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳибайналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Одиназода К.С.**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел: (+992) 905-55-46-46,
www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.

Имзои Одиназода К.С. -ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н**